9 МАЙ - РӮЗИ ҒАЛАБА ДАР ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ!

*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 60 (4643) | ҶУМЪА, 5 МАЙИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

# САФАРИ ДАВЛАТИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ҶУМҲУРИИ ҚАЗОҚИСТОН



**Нимаи дуюми рӯзи сеюми майи соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари давлатӣ вориди шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон шуданд.**

Ба хотири истиқболи меҳмони олимақом - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фурудгоҳ бо парчамҳои давлатӣ, аксҳои сарони давлатҳои Тоҷикистону Қазоқистон ва шиорҳои тараннумкунандаи дӯстию бародарии халқҳои ҳар ду кишвар идона ороста шуда буд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар Фурудгоҳи байналмилалии ба номи Нурсултон Назарбоев бо нишони эҳтироми баланд Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев гарму самимӣ истиқбол гирифтанд.

**Ҳамон рӯз дар шаҳри Остона мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим - Жомарт Токаев баргузор гардид.**

Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим - Жомарт Токаев Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро самимона хайра мақдам гуфтанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Сарвари кишвари мизбон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев барои даъват ҷиҳати анҷоми сафари давлатӣ ва пазироии самимӣ миннатдорӣ баён карданд.

Изҳори итминон шуд, ки натиҷаҳои сафар, мулоқоту музокироти сатҳи олӣ ва бастаи нави санадҳои ҳамкории имзошаванда барои таъмиқи муносибатҳои шарикию стратегии Тоҷикистону Қазоқистон заминаи навро фароҳам меорад.

**Чоруми майи соли 2023 дар доираи сафари давлатӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо нишони эҳтиром ба таъриху фарҳанг, маданият ва фарзандони барӯманди халқи қазоқ дар назди Муҷассамаи ҳимоятгари Ватан гулчанбар гузоштанд.**

Бо гузоштани гулчанбар ва гиромидошти қаҳрамонони халқи Ҷумҳурии Қазоқистон Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯҳи шаҳидони роҳи озодиро шод намуданд.

Дар маросими гулчанбаргузорӣ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро намояндагони воломақоми Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон ҳамроҳӣ карданд.

**Чоруми майи соли равон дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон маросими истиқболи расмии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Қасри «Оқ - Орда» сурат гирифт.**

Ба хотири истиқболи меҳмони олимақом Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон макони истиқболи расмӣ бо парчамҳои давлатии ҳар ду кишвар идона оро ёфта, горд ва оркестри фахрӣ саф кашида буд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев самимона пешвоз гирифтанд.

Пеш аз оғози маросими расмии истиқболи меҳмони олимақом - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев нахуст бо ҳайатҳои расмии ҳар ду кишвар шинос шуданд.

Сипас, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба болои шоҳсуфаи фахрӣ даъват карданд.

Маросими истиқболи расмӣ бо гузориши фармондеҳи Горди фахрӣ, садо додани сурудҳои миллии ҳар ду кишвар, гузашти сарони давлатҳо аз назди сарбозон ва ба ҷо овардани эҳтиром ба Парчами давлатии Қазоқистон сурат гирифт.

**Баррасии масоили муҳими муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкории судманди Тоҷикистону Қазоқистон дар чорчӯбаи шарикии стратегӣ дар мулоқоти хоссаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев оғоз гардида, дар музокироти ҳайатҳои васеи ҳар ду ҷониб идома ёфт.**

Дар оғози мулоқот Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев меҳмони олимақом Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба кишвараш хайра мақдам гуфт.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои даъват ҷиҳати анҷом додани сафари давлатӣ аз пазироии самимии роҳбарият ва мардуми Қазоқистон ба Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим - Жомарт Токаев изҳори сипос намуда, бо итминон иброз доштанд, ки ин сафар ва натиҷаҳои он барои таъмиқу тавсеаи равобити дуҷонибаи барои мардумони ҳар ду кишвар судманд заминаи мусоидро фароҳам хоҳад овард.

«Мо ба ҳамкории мутақобилан судманд бо Қазоқистон аҳамияти аввалиндараҷа медиҳем. Азм дорем, ки минбаъд низ тамоми ҷанбаҳои муносибатҳои Тоҷикистону Қазоқистонро дар асоси усулҳои шарикии стратегӣ пайваста инкишоф диҳем.

Мо имрӯз ҳуҷҷати таърихӣ - Эъломияи ҳамкории ҳампаймониро қабул мекунем, ки пояи муносибатҳои дуҷонибаро боз ҳам мустаҳкам мегардонад», - иброз доштанд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Ҷонибҳо аз рушду тавсеа ва сатҳу муҳтавои ҳамкории дуҷониба дар тамоми бахшҳо давоми 30 соли муносибатҳои дипломатӣ ва муколамаи мунтазами сиёсӣ тайи ин давра қаноатмандӣ карданд.

Таъкид гардид, ки дар ин муддат механизмҳои зарурии ҳамкории байнидавлатӣ ва заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудааст, ки имрӯз бо бастаи нави ҳуҷҷатҳо мукаммал гардонида мешавад.

Дар ин зимн нақши ҳамкории пурсамари байнипарлумонии Тоҷикистону Қазоқистон дар рушду густариши муносибатҳои шарикии стратегӣ таъкид гардида, маҷмӯи васеи масоили ҳамкорӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои тиҷоратию иқтисодӣ, нақлиёт, энергетика, кишоварзӣ, муносибатҳои байни минтақаҳои ҳар ду кишвар, робитаҳои фарҳангию гуманитарӣ, бахусус дар соҳаи маориф, тандурустӣ, варзиш ва сайёҳӣ, баррасӣ гардид.

Қазоқистон имрӯз дар миёни шариконн тиҷоратии Тоҷикистон дар ҷойи дуюм қарор дорад.

Соли гузашта гардиши мол миёни Тоҷикистону Қазоқистон қариб ба якуним миллиард доллар расида, афзоиши он беш аз бист фоизро ташкил дод.

Изҳори итминон карда шуд, ки натиҷаҳои ҷаласаҳои Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории иқтисодӣ, Шӯрои соҳибкорон ва Форуми соҳибкорони Тоҷикистону Қазоқистон, ки дар арафаи сафари давлатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир гардиданд, аз ҳар ҷиҳат ба пешбурди босуръати робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ мусоидат хоҳад кард.

Зимни мулоқот Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандии ҷониби Тоҷикистонро ба зиёд кардани ҳаҷми интиқоли маҳсулоти нефтӣ аз Қазоқистон, содироти меваю сабзавот ва дигар маснуоти маҳаллиро аз Тоҷикистон таъкид карданд.

Густариши ҳамкории сармоягузорӣ бо истифодаи имкониятҳо дар соҳаи истеҳсолоти саноатӣ ва кооператсия, махсусан дар бахши саноати нефту газ, маъдан ва металлургия, ба манфиати ҳар ду ҷониб арзёбӣ гардид.

Ҳамкорӣ дар соҳаҳои мошинсозӣ ва электроника, саноати сабук ва хӯроквории, дорусозӣ ва истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ аз самтҳои дигари судовар дар муносибатҳои ҳар ду кишвар номида шуда, ҷонибҳо оид ба рушду таҳкими онҳо табодули андеша карданд.

Дар доираи ҳамкории судманд дар соҳаи фарҳанг дар моҳҳои наздик баргузории Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Қазоқистон бо ташкили ярмаркаи маҳсулоти кишоварзӣ дар шаҳри Остона пешниҳод гардид. Дар бахши маориф ба сад адад расонидани бурсияҳо дар донишгоҳҳои ҳар ду кишвар иқдоми муассир арзёбӣ гардид.

Дар рафти музокирот таъкид шуд, ки ҳамкорӣ дар самти рушди рақамисозӣ ва зеҳни сунъӣ, бозорҳои бонкӣ ва молиявӣ метавонад ба афзоиши ҷолибияти сармоягузории иқтисодиёти ҷонибҳо мусоидат кунад.

Ҷонибҳо ҳамоҳангӣ ва ҳамкории самарабахши мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хадамоти махсус ва дигар сохторҳои дахлдори кишварҳоро дар масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ таъкид намуданд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## СУҲБАТҲОИ ТЕЛЕФОНӢ



**Панҷуми майи соли равон суҳбати телефонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин баргузор гардид.**

Сарони ҳар ду кишвар ба муносибати 78-умин солгарди Рӯзи Ғалаба ҳамдигарро табрик гуфтанд.

Зимни суҳбат президентҳо тамоюли мусбати рушди муносибатҳои шарикии стратегии Тоҷикистону Россияро дар тамоми самтҳои ҳамкорӣ таъкид карданд.

Омодагии ҷонибҳо барои рушди босуръати робитаҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳамкорӣ изҳор карда шуд.

Сарони ҳар ду давлат, ҳамчунин, оид ба масъалаҳои мубрами рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла вазъ дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, табодули афкор анҷом дода, ҷадвали чорабиниҳои дуҷонибаву бисёрҷонибаро дар соли ҷорӣ баррасӣ карданд.

Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин аз Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар чорабиниҳои бахшида ба ҷашни Рӯзи Ғалаба дар шаҳри Москва даъват ба амал оварданд.



**Панҷуми майи соли 2023 суҳбати телефонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев баргузор гардид.**

Зимни суҳбат сарони ҳар ду давлат масъалаҳои мубрами муносибатҳои дуҷониба, аз ҷумла баргузории ҷаласаи Комиссияи байниҳукуматиро, дарояндаи наздик баррасӣ намуданд.

Ҳамчунин, оид ба масъалаҳои алоҳидаи дорои хусусияти байналмилалӣ ва минтақавӣ табодули афкор анҷом дода шуд.

# ИЗҲОРОТИ МАТБУОТИИ

## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН АЗ РӮИ МУЛОҚОТУ МУЗОКИРОТ БО ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ҚАЗОҚИСТОН ҚОСИМ - ЖОМАРТ ТОКАЕВ

**4 майи соли 2023, Қазоқистон**

**Ташаккур, муҳтарам Қосим-Жомарт Кемелевич!**

**Муҳтарам намояндагони воситаҳои ахбори омма!**

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Нахуст мехостам ба Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим - Жомарт Кемелевич Токаев барои даъваташон ҷиҳати анҷом додани сафари давлатӣ ба Қазоқистони дӯст сидқан изҳори сипос намоям.

Ҳамчунин, ба Шумо, муҳтарам Қосим-Жомарт Кемелевич, барои сарфароз гардониданн ман бо ордени «АЛТИН ҚИРОН» миннатдории амиқамро иброз медорам.

Ин нишони олии Ҷумҳурии Қазоқистонро, қабл аз ҳама, ба тамоми мардуми кишвари худ мансуб медонам.

**Муҳтарам намояндагони воситаҳои ахбори омма!**

Қосим-Жомарт Кемелевич масъалаҳоеро, ки зимни музокироти имрӯза баррасӣ гардиданд, муфассал баён доштанд.

Аз ҷониби худ мехостам зикр намоям, ки музокирот чун анъана дар фазои созанда ва ҳусни эътимод баргузор гардиданд. Онҳо бори дигар муҳимияти идома додани муколамаи мунтазами сиёсӣ барои рушди пайвастаи муносибатҳои моро тасдиқ карданд.

Дар ин замина мехостам қарори имрӯз қабулшударо оид ба додани хусусияти ҳамкории ҳампаймонӣ ба шарикии стратегиамон таъкид намоям.

Итминон дорам, ки сифати нави муносибатҳои мо омили рушди минбаъдаи пайгиронаи робитаҳои байнидавлатӣ дар тамоми соҳаҳо мегардад.

Рамзист, ки ин қарори таърихӣ дар соли ҷашнии равобити дипломатии Тоҷикистон ва Қазоқистон қабул карда шуд.



Дар давоми се даҳсолаи охир заминаи устувори ҳуқуқӣ ба вуҷуд омад, ки имрӯз мо онро бо санадҳои нав ба таври назаррас мукаммал намудем.

Таъкид менамоям, ки ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ муҳимтарин ҷанбаи муносибатҳои мо боқӣ мемонад.

Қазоқистон, ки дар сохтори умумии савдои хориҷии Тоҷикистон дар мақоми дуюм қарор дорад ва яке аз шарикони пешқадами мо дар ин самт мебошад.

Афзоиши гардиши молу маҳсулот соли гузашта беш аз бист фоизро ташкил дод.

Созише, ки қаблан дар сатҳи олӣ дар бораи дарояндаи наздик ба ду миллиард доллар расонидани ҳаҷми гардиши молу маҳсулот ҳосил шуда буд, мунтазам амалӣ мешавад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф мо ба мувофиқа расидем, ки барои таъмини афзоиши минбаъдаи ҳаҷм ва гуногунии номгӯи гардиши мол чораҳои ҳамоҳангшуда андешем.

Дар заминаи ҳамкории иқтисодӣ аз ҷониби мо зарурати таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои муштараки сармоягузорӣ дар соҳаҳои гуногуни саноату гидроэнергетика, комплекси агросаноатӣ, нақлиёт ва сайёҳӣ зикр гардид.

Ҳамзамон, саноати кӯҳӣ ва металлургӣ, саноати сабук ва хӯроквории, мошинсозӣ ва дорусозӣ самтҳои афзалиятнок муайян карда шуданд.

Мо аз ҷониби Қазоқистон ҷиҳати коркарди конҳои ояндадори нефту гази худ даъват ба амал овардем. Ҳамчунин, мо ҳамкориро дар самти рушди рақамикунонӣ ва зеҳни сунъӣ, бонкдорӣ ва бозорҳои молиявӣ барои ҳар ду ҷониб судманд мешуморем.

Тоҷикистон сифати равобити байнипарлумонӣ ва рушди фаъоли ҳамкории байниминтақавиро мусбат арзёбӣ менамояд.

Ҷониби Тоҷикистон дар самти фарҳангиву гуманитарӣ густариши минбаъдаи табодули фарҳангӣ ва иртибот байни муассисаҳои илмӣ ва донишгоҳҳои ҳар ду давлатро зарур мешуморад.

Татбиқи тавофуқҳои қаблан ҳосилшударо оид ба тавсеаи ҳамкорӣ дар соҳаи маориф, аз ҷумла зиёд намудани бурсияҳои таълимӣ дар асоси мутақобила, таъкид менамоям.

Бо истифода аз фурсат, ба дӯстони қазоқистонӣ барои мусоидат ва дастгириашон дар омода намудани кадрҳо аз рӯи ихтисосҳои гуногун изҳори миннатдорӣ менамоям.

Мо бо Қосим - Жомарт Кемелевич оид ба вазъ дар Афғонистон мубодилаи афкори муфассал анҷом додем. Мо хатару таҳдидҳои мавҷударо ба амнияти минтақа баррасӣ кардем.

Аз ҷониби худ мехостам сатҳи баланди ҳамкории давлатҳоямонро дар соҳаи амният зикр намоям.

Дар ин замина мо муҳимияти таҳкими ҳамоҳангии минбаъдаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хадамоти махсус ва дигар сохторҳои дахлдорро таъкид намудем.

Мо ба ҳамкорӣ дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналмилалӣ баҳои баланд додем. Мо минбаъд низ мунтазам ташаббусхои тарафайнро дастгирӣ хоҳем кард.

Ба дӯстони қазоқистонӣ барои дастгирии ташаббусҳои глобалии мо оид ба об ва иқлим изҳори сипос менамоям.

Умед дорем, ки ҷониби Қазоқистон дар кори нишастҳои вохӯрии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва ҷамъомади Бунёди байналмилалии наҷоти Арал, ки моҳи сентябри соли равон дар шаҳри Душанбе баргузор мешаванд, фаъолона иштирок хоҳад кард.

Итминон дорам, ки натиҷаҳои мулоқоту музокироти имрӯза ба таъмиқи минбаъдаи ҳамёрии Тоҷикистон ва Қазоқистон дар тамоми самтҳои муайяншуда мусоидат хоҳанд намуд.

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Қазоқистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар бисёр ҷиҳатҳои рушд ба пешравии сифатӣ ноил гардид.

Ман шоҳиди бевоситаи он ҳастам, ки симои Қазоқистон дар солҳои охир чӣ гуна тағйир ёфтааст.

Қазоқистон дар ҳалли масъалаҳои мубрами рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ нақши созанда мебозад.

Тоҷикистон ҳамеша бозуи бародарона ва дастгирии доимии Қазоқистонро эҳсос мекунад ва мо барои ин аз давлати бародар миннатдор ҳастем.

Пӯшида нест, ки Қазоқистон яке аз воридкунандагони асосии гандуми истеъмолӣ ба Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ҳосили ғалладонагиҳо дар Қазоқистон барои мо низ ба мисли Қазоқистон хеле муҳим аст.

Дар маҷмӯъ, мо ба сатҳи ҳамкории зичи то имрӯз бадастомадаи давлатҳоямон баҳои баланд медиҳем.

Мо ҷонибдори онем, ки он дар тамоми соҳаҳои ҳамкорӣ ба манфиати халқҳои бародарамон ҳаматарафа рушд ёбад.

Дар фарҷом мехостам бори дигар ба Шумо, муҳтарам Қосим-Жомарт Кемелевич ва дар шахсияти Шумо ба халқи бародари Қазоқистон барои истиқболи гарм ва меҳмоннавозии анъанавӣ изҳори миннатдории самимӣ намоям.

Бо камоли мамнуният аз Шумо даъват ба амал меорам, ки дар фурсати бароятон мувофиқ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сафар анҷом диҳед.

**Ташаккур барои таваҷҷуҳатон.**

# САФАРИ ДАВЛАТИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ҶУМҲУРИИ ҚАЗОҚИСТОН



(Идома аз саҳ. 1)

Зимни мулоқот ҷонибҳо, ҳамчунин, оид ба ҳамкории босамари Тоҷикистону Қазоқистон дар арсаи байналмилалию минтақавӣ ва робитаҳои ҳар ду кишвар дар чаҳорчӯбаи ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ андешаронӣ сурат гирифт.

Дар мулоқот Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷониби Қазоқистон барои дастгирии доимии ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон оид ба ҳалли мушкилоти обу иқлим изҳори сипос карданд.

Изҳори итминон карда шуд, ки воҳурии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва ҷамъомади Бунёди байналмилалии наҷоти Арал, ки дар моҳи сентябри соли 2023 дар Тоҷикистон баргузор мегардад, ҷиҳати баррасии масъалаҳои муҳими рӯзномаи байналмилалию минтақавӣ мусоидат хоҳад намуд.

Дар охири мулоқоту музокироти сатҳи олӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев даъват ба амал оварданд, ки бо сафари давлатӣ ба Тоҷикистон ташриф оранд. Даъват бо хушнудӣ пазируфта шуд.

**Чоруми майи соли 2023 дар шаҳри Остана дар қароргоҳи Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон - Акорда маросими бо ордени Ҷумҳурии Қазоқистон «АЛТИН ҚИРОН» сарфароз гардонидани Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки бо сафари давлатӣ дар пойтахти ин кишвари дӯст қарор доранд, баргузор гардид.**

Дар оғози маросим фармони Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон дар хусуси мукофотонидани Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ин нишони олии Қазоқистон ироа гардид.

Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев зимни супоридани мукофот саҳм ва хизматҳои шоёни Пешвои миллатро дар таҳкиму тавсеаи муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои судманди Тоҷикистону Қазоқистон, ки имрӯзҳо дар чорчӯбаи шарикии стратегӣ муваффақона рушд меёбанд, таъкид кард.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар навбати худ аз ин иқдоми олии Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон изҳори сипос намуда, онро қабл аз ҳама ба тамоми мардуми Тоҷикистон мансуб донистанд.

Пешвои миллат дар идомаи суханронии хеш изҳори итминон намуданд, ки бо саъю талошҳои муштараки ҷонибҳо робитаҳои байнидавлатии ҳар ду кишвар дар заминаи манфиатҳои умумии мардумони ба ҳам бародари мо минбаъд низ дар рӯҳияи ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтирому эътимод ва дастгирии мутақобила таъмику тавсеа хоҳанд ёфт.

**Чоруми майи соли равон пас аз анҷоми мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Қазоқистон дар ҳузур ва бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев маросими имзои санадҳои нави ҳамкорӣ баргузор шуд.**

Сарони давлатҳо Эмомалӣ Раҳмон ва Қосим-Жомарт Токаев ба Эъломия дар бораи ҳамкории ҳампаймонӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон имзо гузоштанд.

Дар ҳузури сарони давлатҳо ҳашт санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид:

- Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ миёни Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Институти тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Қазоқикистон;

- Протокол байни Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Қазоқистон дар бораи ташкили мубодилаи иттилооти пешакӣ оид ба молҳо ва воситаҳои нақлиёт байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон интиқолшаванда;

- Ёддошти тафоҳум дар бораи барқарор кардани муносибатҳои бародаршаҳрӣ байни шаҳрҳои Хуҷанди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Туркистони Ҷумҳурии Қазоқистон;

- Харитаи роҳ байни Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи саноати сайёҳӣ ва варзиши Ҷумҳурии Қазоқистон;

- Харитаи роҳ оид ба густариши ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ байни Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Қазоқистон барои солҳои 2023 - 2025;

- Нақшаи ҳамкории мутақобила байни Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати саноат ва рушди инфрасохтори Ҷумҳурии Қазоқистон дар соҳаи саноат ва инноватсия барои солҳои 2023 - 2024;

- Ёддошти тафоҳум байни Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати савдо ва ҳамгироии Ҷумҳурии Қазоқистон;

- Барномаи ҳамкорӣ байни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон барои солҳои 2023 - 2025.

Ҳамин тавр, дар маҷмӯъ дар доираи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Қазоқистон аз ҷониби вазорату идораҳо 20 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расиданд.

Баъд аз анҷоми маросими имзои санадҳои нави ҳамкорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев барои доираи васеи хабарнигорон нишасти матбуотӣ ороста, натиҷаҳои мулоқоту музокироти сатҳи олиро барои таҳкиму густариш ва идомаи муносибатҳои дӯстию ҳамкорӣ неку назаррас арзёбӣ карданд.

**Чоруми майи соли 2023 дар шаҳри Остона Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари давлатӣ бо Раиси Маҷлиси Парламенти Ҷумҳурии Қазоқистон Ерлан Кошанов мулоқот карданд.**

Дар мулоқот маҷмӯи васеи масоили ҳамкории Тоҷикистону Қазоқистон, аз ҷумла заминаи ҳуқуқии байни кишварҳо ва робитаҳои байнипарлумонии ҳар ду кишвар, баррасӣ гардид.





Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки Қазоқистон шарики боэътимоди стратегии Тоҷикистон аст ва дар сиёсати хориҷии давлати мо мақоми хоса дорад. Зимни воҳӯрӣ аз сатҳи баланди муносибатҳои гуногунҷанба, ки аз анъанаҳои деринаи дӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, эътимод ва дастгирии ҳамдигар асос ёфтаанд, изҳори қаноатмандӣ карда шуд.

Таъкид гардид, ки робитаҳои байнипарлумонӣ ҷузъи муҳими муносибатҳои мост, зеро онҳо дар пешбурди афзояндаи тамоми масъалаҳои рӯзномаи муносибатҳои Тоҷикистону Қазоқистон ва дар таҳкими заминаи ҳуқуқии ҳамкориҳои ҳар ду кишвар нақши муҳим доранд.

Дар мулоқот ҷонибҳо оид ба ҳамкории зичи кишварҳо тавассути парлумони ҳар ду кишвар дар сатҳҳои гуногуни байналмилалӣ, аз ҷумла ассамблеяҳои парлумонии ИДМ, СААД, САҲА, сафарҳои мутақобилаи ҳайатҳои парлумонӣ ва таъсиси Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории байнипарлумонӣ табодули андеша карданд.

Ҷонибҳо дар рафти мулоқот, ҳамчунин оид ба дигар масоили мавриди таваҷҷуҳ гуфтугӯи судманд анҷом доданд.

**Чоруми майи соли ҷорӣ дар шаҳри Остона Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари давлатӣ бо Сарвазири Ҷумҳурии Қазоқистон Алихан Смаилов мулоқот карданд.**

Дар он маҷмӯи васеи масоили ҳамкории Тоҷикистону Қазоқистон баррасӣ гардиданд.

Дар оғози воҳӯрӣ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки «Мо шарикии стратегиро бо Қазоқистони бародар баланд арзёбӣ мекунем».

Таъкид гардид, ки барои инкишофи муносибатҳои ҳар ду кишвар имрӯз ҳамаи шароити мусоид мавҷуд аст ва барои густариши онҳо таҷрибаи бойи ҳамкории созанда дар ҳамаи соҳаҳои асосӣ андӯхта ва роҳандозӣ шудааст.

Ҷонибҳо зимни мулоқот масоили рушду густариши муносибатҳоро дар соҳаҳои тиҷоратию иқтисодӣ, кишоварзӣ, сармоягузорӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт, саноат ва кооператсия, энергетика, нақлиёту боркашонӣ ва металлургия, баррасӣ карданд.

Барои таҳкими ҳамкорӣ дар бахшҳои фарҳангию гуманитарӣ истифодаи имконияҳои мавҷуда, пурзӯр кардани робитаҳо байни муассисаҳои илмӣ ва олии таълимӣ, гузаронидани тадқиқоти якҷояи илмӣ, аз ҷумла дар соҳаи инноватсия ва технологияи иттилоотӣ, зарур шумурда шуд.

Дар ҷараёни мулоқот ҷонибҳо, ҳамчунин, оид ба дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳ гуфтугуйи судманд анҷом доданд.



**Чоруми майи соли равон сафари давлатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки рӯзҳои 3-юм ва 4-уми майи соли 2023 дар Ҷумҳурии Қазоқистон ҷараён дошт, ба анҷом расид.**

Ёдовар мешавем, ки зимни ин сафари бобарори давлатӣ мулоқоту музокироти сатҳи олӣ, воҳӯрии Сарвари давлат бо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон ва дигар намояндагони воломақоми ин кишвар, Форуми соҳибкорӣ ва ҷаласаи сеюми Шӯрои кории Тоҷикистону Қазоқистон доир гардида, аз рӯи натиҷаҳои он дар маҷмӯъ беш аз 60 санади нав ба имзо расид.

Бояд гуфт, ки барои татбиқи ин ҳуҷҷатҳои муҳими ҳамкорӣ ҷалби зиёда аз 2, 6 миллиард доллари америкоӣ дар назар аст. Аз ҷумла, дар шаҳри Остона дар доираи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон байни Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Қазоқистон «Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ», миёни Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати индустрия ва рушди инфрасохтори Ҷумҳурии Қазоқистон «Ёддошти тафоҳум дар бораи рушди байналмилалии нақлиёти заминӣ», байни Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати саноат ва рушди инфрасохтори Ҷумҳурии Қазоқистон «Ёддошти тафоҳум дар соҳаи саноат», миёни Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди рақамӣ, инноватсия ва саноати аэрокайҳонии Ҷумҳурии Қазоқистон «Ёддошти тафоҳум дар соҳаи рушди инноватсия», байни Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати экология ва захираҳои табиии Ҷумҳурии Қазоқистон «Ёддошти тафоҳум дар соҳаи ҳифзи муҳити зист», миёни Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба муқовимат ба коррупсия «Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ», байни Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти саҳомии «КазТрейд»-и Ҷумҳурии Қазоқистон «Консепсия оид ба таъсиси Корхонаи муштараки «ТАҶ КАЗ ТРЕЙД», миёни Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Қазоқистон «Созишнома дар бораи ҳамкорӣ», байни Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» ва Ҷамъияти саҳомии ғайритиҷоратии «Телерадиокомплекс»-и Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон «Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ» ва байни ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд ва ноҳияи Мактаарали вилояти Туркистони Ҷумҳурии Қазоқистон «Ёддошти тафоҳум дар бораи муносибатҳои бародарона» ба имзо расиданд.

Дар Фурудгоҳи байналмилалии ба номи Нурсултон Назарбоев Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бо нишони баланди эҳтиром ва самимият Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев гусел карданд.

Нимаи дуюми рӯзи чоруми майи соли ҷорӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон ба Ватан баргаштанд.

---

**www.president.tj**

# САМТҲОИ АСОСИИ АМАЛИГАРДОНИИ «СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ РУШД БАРОИ ДАВРАИ ТО СОЛИ 2030»



**Бо чунин ном чоруми майи соли равон дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон конфронси илмӣ - амалии муштараки Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, олимони пажӯҳишгоҳҳои илмӣ- тадқиқотӣ, устодони донишгоҳҳо, коршиносони соҳаи иқтисод ва намояндагони воситаҳои ахбори омма ширкат варзиданд.

Директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Хайриддин Усмонзода иброз намуд, ки асоси таҳияи «Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030» - ро се принсипи рушди оянда: а) боздоранда (пешгирии осебпазирии рушди оянда), б) саноатикунонӣ (баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои миллӣ), в) инноватсионӣ (рушд дар асоси навовариҳо дар тамоми соҳаҳои иҷтимоӣ - иқтисодии кишвар) ташкил менамоянд.

- Стратегияи мазкур аз се панҷсола иборат буда, марҳилаи гузариш ба модели нави рушди иқтисодӣ (солҳои 2016 - 2020) анҷом ёфт. Ҳоло марҳилаи рушди босуръати иқтисодиёт бо мақсади ҷалби сармоя (солҳои 2021 - 2025) ҷараён дорад. Марҳилаи сеюм тадриҷан ба анҷом расонидани саноатикунонӣ тавассути тақвияти зарфият, алалхусус рушди илм ва навоварӣ (солҳои 2026 - 2030) - ро дар бар мегирад, - гуфт Хайриддин Усмонзода.

Раиси Фраксияи Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустам Раҳматзода дар мавзӯи «Нишондиҳандаҳои макроиқтисодии амалигардонии Стратегияи миллии рушд - 2030» маърӯза карда, иброз намуд, ки дар давраи татбиқи «Барномаи миёнамуҳлати рушд дар солҳои 2016 - 2020» дар самти тақвияти низоми идоракунии давлатӣ, рушди неруи инсонӣ, таъмини сифати рушди иқтисоди миллӣ, суботи молиявӣ, маъмурикунонии андоз, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, рушди инноватсионии бахши воқеии иқтисодиёт ва саноатикунонии босуръати кишвар ислоҳот гузаронида шуданд.

Дар ин давра сатҳи камбизоатӣ аз 31,7 дарсад то ба 26,3 дарсад коҳиш ёфта, даромади пулии аҳолӣ ба 48 миллиард сомонӣ расид.

- Дар гузашта барои бақайдгирии ширкатҳои хусусӣ ба ҳисоби миёна 49 рӯз сарф мешуд, ҳоло бошад, ин нишондиҳанда 3- 5 рӯзро ташкил медиҳад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Индекси пешбурди соҳибкорӣ 111 зина боло рафта, ҳоло дар ҷои 11- ум қарор дорад, - афзуд нотиқ.

Сарходими илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Баҳром Шарифов ёдовар шуд, ки агар соли 2016 суръати рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар мамлакат 16 дарсадро ташкил дода бошад, соли 2022 ин нишондиҳанда ба 22 дарсад расид. Ҳаҷми содироти молу маҳсулот дар соли 2016 ба 898,7 миллион доллар ва соли 2022 ба 2 миллиарду 149,6 миллион доллар баробар шуд.

Агар соли 2016 теъдоди корхонаҳои саноатӣ дар мамлакат 2043 ададро ташкил дода бошад, ин рақам дар соли 2021 ба 2397 адад расид.

Дар конфронс, инчунин, вакилони Маҷлиси намояндагон ва роҳбарону масъулини дигар ташкилоту идораҳои даъватшуда андешаҳояшонро ибroz намуданд.

---

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир**
**Неъматулло АЛИЕВ**

# ВАТАНДӮСТӢ - ОМИЛИ МУҲИМИ ПОЙДОРИИ ДАВЛАТ

**Баҳодур ИСОЗОДА, муовини якуми раиси Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе**

**Истиқлолияти давлатӣ Тоҷикистонро ба ҷомеаи мутамаддини ҷаҳон ва ҷаҳонро ба Тоҷикистон пайванди ногусастанӣ бахшида, кишвар ва миллати азизи тоҷикро сарбаланду муътабар сохт. Маҳз Ватани покзодони олам дар даврони соҳибистиқлолӣ таҳти иродаи сиёсӣ ва шуҷоату матонати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз қайду банди рӯзҳои сангини таърихи муосир раҳо гашта, рушд кард.**

Баъд аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи нави худшиносиву дарки инсонмеҳвари истиқлолияту озодӣ оғоз гардид, зеро арзишҳои моддиву маънавӣ иваз шуданд. Истиқлолияти давлатӣ барои иваз гардидани шуури иҷтимоиву маънавӣ такони ҷиддӣ гардид, аммо тағйири вазъи иҷтимоиву сиёсӣ, ҷанги дохилӣ ки паёмадҳои нохуш дошт, барои инкишофи муътадили шуури иҷтимоӣ монеаи зиёд эҷод кард.

Маҳз Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳкими худшиносии миллӣ, рушди мафкураи миллӣ, боло бурдани андеша ва идеологияи ягонаи миллати тоҷик ва муаррифии фарҳанг ва тамаддуни тоҷикон ба ҷомеаи ҷаҳон мусоидат кард. Дар ниҳоят, Тоҷикистон ба ҳайси давлати соҳибистиқлол бо тамаддуни чандҳазорсола дар харитаи сиёсӣ ва ҷуғрофии олам эътироф гардид.

Дар раванди шаклгирӣ, ташаккул ва камолоти ҳар миллату давлат ҳодисаҳои муайяне рух медиҳанд, ки барои бақои давлатдории миллӣ мусоидат менамоянд. Яке аз чунин омилҳои такдирсози миллӣ расидан ба истиқлолияти давлатӣ мебошад. Барои миллати сарбаланди тоҷик ва тоҷикистониён истиқлолияти давлатӣ, ки бузургтарин дастовард мебошад, дар фароварди асри XX насиб гардид. Маҳз истиқлолияти давлатӣ, ки нахустин маротиба бо номи миллат ба он соҳиб гардидем, тавонист дар зеҳнияти ҷомеаи Тоҷикистон, хосатан насли ҷавон, шуури миллиро тақвият бахшида, шароити мусоидро барои дарки шинохти тамомияти марзӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва эҳтиром ба арзишҳои милливу инсониро ташаккул диҳад.

Вобаста ба масъалаи мазкур Пешвои миллат муҳтарам



Эмомалӣ Раҳмон чунин зикр намудаанд: «Агар мо раванди зуҳур ва таърихи ташаккули истиқлолияти миллатамонро амиқан баррасӣ намоем, равшан хоҳем дид, ки роҳ ба сӯи истиқлолияти душвору тӯлонӣ, пур аз шебу фароз ва саршор аз муборизаву иштибоҳот ва равандҳои ихтилофомезу зиддиятнок будааст. Вале дар ниҳоди миллати мо омилҳои бунёдии эҳёи тадриҷии истиқлолият ҳамеша вуҷуд дошт, ки асолату ҳувияти устувор ва амалан шикастнопазири таърихӣ, суннатҳои беш аз сеҳазорсолаи давлатдорӣ, арзишҳои бузургу созандаи иҷтимоӣ, фарҳангу маънавиёти ғанӣ ва ғайра дар асл шоҳсутунҳои ҳаёти фаъол ва таърихии миллати мо будаанд».

Бо мақсади таҳкими бештари ин дастовард зарур аст, ки мафҳумҳои истиқлолияту ваҳдати миллӣ ғояи ҳамешагӣ бошанд, зеро ин мафҳумҳо дар қалбу шуури шаҳрвандони кишвар ҳисси эҳтиром ба Тоҷикистони азиз ва муқаддасоти Ватанро устувор сохта, ба онҳо эътимод бахшиданд, ки миллати куҳанбунёди тоҷик метавонад барои наслҳои оянда кишвари ободу зеборо ба мерос гузорад.

Дар кишварҳои ҷангзадаи Шарқи Наздик аҳволи мардуми ранҷдида зулматсарои ноамнӣ ва бесуботиву ношукриро пеши назар меорад. Чанд сол пеш давлатҳои Сурия ва Ироқ аз марказҳои муҳими ҷаҳонгардӣ ва тиҷоратӣ ба шумор мерафтанд, аммо дахолати бегонагон, ҳамлаи гурӯҳҳои ифротгарову даҳшатафканро ба сарнавишти нангин рӯ ба рӯ сохт.

Ҳоло хавфу хатари гурӯҳҳои даҳшатафкани ифротгарову террористӣ, истиқлолияту озодӣ, демократия ва якпорчагии кишварҳои соҳибистиқлоли минтақаи Осиёи Марказӣ ва Тоҷикистонро таҳдид менамояд. Чунин таҳдидҳои сиёсӣ ва амниятиро кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ аз нигоҳи геополитикӣ ва аз лиҳози иттилоотӣ ва равонӣ эҳсос намуда истодаанд.

Равандҳои пуртазоди баамаломада аз аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки имрӯз беш аз 70 дарсади онро ҷавонон ташкил медиҳанд, эҳсоси фитрӣ ва баланди ватандӯстӣ ва ҷаҳонбиниву зиракии мукаммали сиёсиро тақозо менамояд. Зиёиён, донишмандон, кормандони ҳифзи ҳуқуқу тартибот, мақомоти қонунбарору ниҳодҳои дифоъ ва амнияти мамлакатро мебояд иродаи қавӣ дошта, муттаҳиду пурзӯр бошанд ва ҳифзи арзишҳои давлативу миллӣ доимо мадди назарашон қарор доща бошад.

Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд: «Дар замири ҳар як фарди ҷомеа тарбия кардан ва таҳкиму тақвият бахшидани ҳисси баланди ватандӯстиву ватандорӣ, худшиносии миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои маънавӣ ва муқаддасоти миллӣ яке аз омилҳои муҳими пойдории давлати соҳибистиқлол мебошад».

Шукрона бояд кард, ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ давлати моро дар арсаи байналмилалӣ бо фарҳангу тамаддуни ғанӣ эътироф намуда, миллати тоҷикро ҳамчун миллати куҳанбунёд ва бофарҳангу соҳибтамаддун мешиносад.

Бояд шукргузор бошем, ки чунин Ватани ободу зебо, осудаву рӯ ба рушд дорем ва ҳама шароит барои расидан ба қуллаҳои мурод барои ҷавонон ва шаҳрвандони азизи он муҳайёст. Насли ҷавони имрӯза, ки дар чунин як айёми созандагиву бунёдкорӣ, оромиву амният ва айёми гул - гулшукуфии Ватан ба дунё омада, камол ёфта истодаанд, бояд ба қадри ин ҳадяи гаронбаҳои сарнавишт: мамлакати тинҷу осуда, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки пайваста ғамхории насли ҷавонанд, расанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун фарзанди содиқу вафодори миллат пайваста бо сухан ва амалҳои ҷавонмардонаи хеш собит месозанд, ки Ватанро чун гавҳари ноёб ҳифз намуда, барои рушду тараққиёт, баланд бардоштани нуфузу эътибори он тамоми қувваю иродаро равона намудан лозим аст.



ИШТИРОКЧИЁНИ ҶБВ ЗЕРИ ТАВАҶҶУҲУ ҒАМХОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

# ИДИ ЗАФАР

## Аз кумаку имтиёзҳо то саргузашти Саид Раҷабови 97-сола

Ҳар сол дар арафаи 9-уми май, ки ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, Рӯзи Ғалабаро қайд мекунанд, дафтари кории Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнат серодам мешавад. Шахсе маълумот мепурсад, дигаре маълумот медиҳад. Нафаре бо роҳнамоии кормандони Шӯро ба аёдати иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ меравад, дигаре доир ба вазъи саломативу будубоши саҳмдорони ақибгоҳ гузориш таҳия мекунад. Гурӯҳе муайян мекунанд, ки бояд ба киҳо кумак расонида шаваду гурӯҳи дигар хайр мекунанд. Аз ҷумлаи нафароне будем, ки доир ба шумора, вазъи саломатӣ, шароити зиндагии иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва кумаку имтиёзҳо ба онҳо аз шӯрои мазкур маълумот дарёфт кардем. Ҳамчунин, бо ёрии кормандони Шӯрои ҷумҳуриявӣ ва шаҳрӣ бо яке аз иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ вохӯриву суҳбат доштем.

Тибқи иттилои котиби масъули Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнати Тоҷикистон Элмурод Турсунов, ҳоло дар кишвар 37 иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ боқӣ мондаанд.

Дар миёни қайди ҳаётбудаҳо кӯҳансолтарин сокини шаҳри Ҳисор Рашид Каримови 111-сола мебошад. Нисбатан хурдтар Откин Дмитрий Александрович аст, ки имсол 97-сола шуд.

Тибқи иттилои расмӣ, ҳоло дар Душанбе 6 нафар, Суғд - 11, Хатлон - 14, Турсунзода - 1, Ҳисор - 2, Шаҳринав - 1, Варзоб - 1 ва Сангвор 1 нафар иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ боқӣ мондаанд.

Қобили қайд аст, ки масъалаи кумакҳои иҷтимоӣ ба иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳамеша зери таваҷҷуҳи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Барои мисол, соли гузашта аз ҷониби Сарвари давлат ба ҳар иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ 15 ҳазор сомонӣ тақдим гардида, соли ҷорӣ миқдори маблағ ба ҳар иштирокчӣ 18 ҳазор сомонӣ муайян шуд.

Дар пайравӣ бо иқдоми хайрхоҳонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ низ ба иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ кумакҳои молӣ мекунанд. Аз ҷумла, имсол аз ҷониби раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ба 11 иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ 7 ҳазор сомонигӣ ва 32 нафар хизматчии ақибгоҳ, ки сокини вилоят ҳастанд, чор ҳазор сомонигӣ тақдим шуд.

Аз соли нав то ҳол ба ду иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки сокини ноҳияи Фархор ҳастанд, кумак дастрас гардид. Иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар кишвар аз ҳазор сомонӣ зиёд нафақа мегиранду хизматрасонии тиббӣ ва доруворӣ ройгон аст.

### «АЗ ҶАНГ МАҶБУРӢ БА ЗОДГОҲ РАВОН КАРДАНД»

Бо роҳнамоии масъуле аз бахши дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбебудаи Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнати Тоҷикистон мо ба дидори яке аз иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ Раҷаб Саидови 97-сола рафтем. Ӯ дар иҳотаи фарзандону наберагон давлати пирӣ меронад.

Шахси мавриди назар 20-уми майи соли 1926 дар шаҳри Кӯлоб таваллуд шуда, пас аз хатми мактаби миёна ба ҷанг сафарбар гардид. Дар аввал ӯ ва ҳамроҳонашро ба шаҳри Екатеринбург бурда, пас аз чанде ба полки 44-уми дивизияи 13-ум, ки дар Австрия меҷангид, интиқол доданд.

- Ҳодисаи дар Руминия рухдода ҳеҷ аз ёдам намеравад. Вақти ҳамла поям сахт захмӣ шуд. Чун имкону шароити ба шифохона рафтан набуд, бо он захм чанде муборизa бурдам ва шукр шифо ёфтам, - гуфт ӯ.

Саид Раҷабов дар озод кардани Чехословакия ва Австрия фаъол буду ба нигоҳубини асирон машғул. Ӯ он рӯзҳоро чунин ба ёд овард:

- Ба онҳо муомилаи хуб доштам. Хӯрокашонро сари вақт медодам. Кӯшиш мекардам, ки азоб накашанд.

Бо таассуф нақл кард, ки як сол пеш аз хотимаи ҷанг ӯро рухсатӣ додаанд. Саид Раҷабов намехост, вале ӯро маҷбур ба зодгоҳ равон карданд. Мутаассифона, замони рухсатӣ бемор шуда, дигар ба ҷанг рафта натавонистааст.

Пас аз хотимаи ҷанг ва шифо ёфтан курси ронандагиро хатм карда, се сол ҳамчун ронанда то соли 1990, яъне замони нафақа баромадан ба ҳайси чойхоначӣ фаъолият намуд.

**Ҳафизуллоҳ ТОҲИРӢ, «Садои мардум»**

# АРҶГУЗОРИИ ҚАҲРАМОНОН КАМОЛИ ҶАВОНМАРДИСТ



**Бо ибтикори Ташкилоти ҷамъиятии «Маъюбони ҷанг дар Афғонистон» дар шаҳри Душанбе бахшида ба Рӯзи Ғалаба конференсияи ҷумҳуриявӣ баргузор гардид. Муҳим ва ҷолиб он буд, ки дар чорабинӣ як идда иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки мутаассифона, теъдодашон хеле кам боқӣ мондааст, ширкат варзиданд.**



Ҷорабиниро раиси Ташкилоти ҷамъиятии «Маъюбони ҷанг дар Афғонистон» Ҳикматулло Мирзоев оғоз намуд. Сипас, роҳбари бахши Кумитаи кор бо ҷанговарони интернатсионалист дар ноҳияи Сино, муовини раиси Ташкилоти ҷамъиятии «Маъюбони ҷанг дар Афғонистон» Ибодулло Шарипов доир ба моҳияти ҷашни мавриди назар маърӯза кард.

Таъкид гардид, ба шарофати сиёсати хирадмандона ва бунёдкоронаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин ҷашн назари хос ва нек дошта, онро ҳар сол бо шукӯҳу шаҳомат таҷлил менамоянд. Аз далелу арқоми мавҷуда бармеояд, ки дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб 300000 нафар ҷавонмардони шуҷоъ иштирок намуда, зиёда аз 100000 нафарашон қурбон шудаанд.

Ҷоиз ба зикри алоҳида аст, ки аз шумори тоҷикон нафароне, ки дар муҳорибаҳо таври бесобиқа қаҳрамонӣ карданд, хеле зиёд буда, чунин абармардон бо мукофотҳои олӣ қадрдонӣ шуданд. Аз шумори фиристодаҳои Тоҷикистон сазовори номи баланди Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ шудани 63 нафар далели возеҳи гуфтаи болост. Корнамоиҳои фарзандони боҷасорати тоҷик Саидқул Турдиев, Тӯйчӣ Эрйигитов, Неъмат Қарабоев, Ҳодӣ Кенҷаев, Домулло Азизов, Сафар Амиршоев, Ҳайдар Қосимов, Исмоил Ҳамзаалиев ва ҳазорон нафари дигар муҳтавои асосии ҳазорҳо китобу достон, филмҳо ва мавзӯи тадқиқоти илмии таърихшиносон буду ҳаст.

Сафири фавқулода ва мухтори Федратсияи Россия Семён Григорев иқдомоти Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро вобаста ба қадршиносии иштирокчиёни Ҷанги Бузарги Ватанӣ ситоиш намуда, омили мазкурро яке аз василаҳои тақвиятбахши равобити Тоҷикистону Федератсияи Россия арзёбӣ кард.

Аз он нигаронӣ шуд, ки баъзе кишварҳое, ки он солҳо аз ҷониби фашистон забт шудаву онҳоро ҷанговарони шӯравӣ аз зулми фашистони истилогар озод намуда буданд, Иттиҳоди Шӯравиро агрессор меноманду фашистонро неруҳои озодгар.

Иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ низ ба сухан баромада, ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои арҷгузорӣ миннатдорӣ баён намуданд.

Пас аз анҷоми қисмати ифтитоҳӣ сафири фавқулода ва мухтори Федератсияи Россия Семён Григорев ба онҳо туҳфа супорида, аз устувориву ҷасораташон ёдовар шуд.

Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз фоҷиаҳои мудҳиштарини таърихи инсоният ба ҳисоб рафта, қисмати аъзами кишварҳои оламро мувоҷеҳи мушкилиҳои гуногун намуда, ба иқтисодиёташон зарари калони молиявӣ расонид. Вақтҳои охир баъзе кишварҳо бо пешниҳод ва амалҳои худ, ки аз «манфиат»-ҳои мамлакатҳои алоҳида «маншаъ» гирифтааст, мехоҳанд воқеият ва моҳияти ин фоҷиаи мудҳиш, ки қурбон шудани зиёда аз 50 миллион нафарро ба дунбол дошт, таҳриф намоянд.

Хуб дарк менамоям, ки айни замон бархӯрди манфиатҳо дар арсаи байналмилалӣ миёни кишварҳои абарқудрат ба авҷи аъло расидаву дар ин «набард» аз тамоми воситаҳои «дастрас» истифода намудан ба манфиати кор арзёбӣ мешавад. Суоле пайдо мешавад, ки оё метавон дар заминаи аҳдофи муғризона «офтобро бо доман пӯшонид» ва «сафедро сиёҳ» гуфт?

Ба он назарам, ки тасмими кишварҳо ва афроди алоҳидае, ки мехоҳанд воқеияти ин фоҷиаро таҳриф намоянд, «душманӣ бо офтоб»-ро шабеҳ аст. Яъне, ин ҷашн самараи ҷоннисориҳои мардони ғаюр ва бонангу номус дар ҷодаи озодӣ ва ҳимояи Ватан аст.

Бозгӯии воқеият ва моҳияти ин фоҷиаи мудҳиш вобаста ба равандҳои ҷаҳонишавӣ ва шиддат гирифтани бархӯрди манфиатҳо муҳиму саривақтӣ ва заруру ногузир буда, дар пешгирии воридшавии мафкураи бегона ба зеҳни насли наврас, тавсеаи худшиносиву худогоҳӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ нақши бориз дорад.

Корро дар ин ҷода бояд тарзе ба роҳ монд, ки насли наврас дарк намояд, ки саҳми ҷавонмардони баору номус, яъне иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки ҷони худро ба каф гирифта, Ватанро аз фашистони разил таври шоиста ҳимоя намуданд, дар густариши ҳисси ватандӯстиву худогоҳӣ, ҳавасманд намудани ҷавонон ба ҳифзи марзу буми Ватан ҳамчун рукни асосӣ хеле муҳиму арзишманд аст. Дар ин росто, ҷавонон низ бояд муътақид бошанд, ки ғалабаи беназири иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ бар ивази корнамоиҳои бемислу монанд, ҷасорату далерӣ ва шуҷоату мардонагӣ ба даст омада, самараи дӯстии халқҳо ва муборизаи оштинопазир бар зидди вабои аср - фашизм мебошад.

Дар мамлакат шумораи собиқадорону маъюбони ҷанги фавқуззикр рӯз то рӯз кам шуда истодааст. Боиси қаноатмандист, ки бо ибтикори Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин нафарон мавриди таваҷҷуҳ ва ғамхории ҳамешагии Ҳукумати ҷумҳурӣ ва сохторҳои марбута қарор доранд. Дар ҳамин радиф, кумаку ғамхорӣ ба иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар сиёсати иҷтимоии давлат самти афзалиятнок ба ҳисоб рафта, ин раванд мунтазам густариш ёфта истодааст.

Омили мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки мардуми кишвар ба ҳеҷ ваҷҳ ҷонбозиҳои ин далерони майдони набардро фаромӯш накардаанд ва Ҳукумати мамлакат таҳти ғамхории доимӣ қарор додани онҳоро вазифаи авалиндараҷаи худ медонад.

Дар маҷмӯъ, вазифадорем, ки эҳтироми ин нафаронро ҷой оварем ва хотирааш онро пос дорем. Бо ин амали худ замина фароҳам меорем, ки моҳият ва муҳимияти ҷоннисориҳои иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ барои насли ҷавон сабақи зиндагӣ гардад.

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

# БАҲОДУРЕ АЗ ЗАРКАМАР

**Қурбон Одинаев аз зумраи он ҷанговарони диловарест, ки дар хати пеши фронт ҷангидаю Рӯзи Ғалабаро дар Берлин пешвоз гирифтааст.**

Вақте хонаводаи ӯ соли 1926 аз деҳаи Рангиноби Кӯҳӣ ба деҳаи Заркамари ноҳияи Файзобод кӯч баст, ҳамагӣ 9-сола буд.

Падараш дар қатори дигарон ба артел (хоҷагии кишоварзӣ) аъзо шуд. Он солҳо деҳқонӣ ба воситаи юғу испор, белу каланду гов ва асп иҷро мешуд. Қурбони хурдсол ҳамроҳи падар ба саҳро рафта, ёрӣ мерасонд.

Дар муддати кӯтоҳ 20 хоҷагӣ ташкил ёфт. То соли 1938 Қурбон касби бобоии хешро идома дода, чун ҷуфтрони беҳтарин ном баровард. Солҳои сиюм колхозҳои аввалин ташкил шуданд. Яке аз колхозҳои аввалин «20- солагии Ғалабаи инқилоб» ном гирифт.

Қурбони ҷавон 21-умин баҳори умрашро аз сар мегузаронд. Хабари ба Иттиҳоди Шӯравӣ ҳуҷум кардани фашизмро шунида, ба Комиссариати ҳарбии собиқ ноҳияи Обигарм бо ариза муроҷиат кард. Хоҳиши ӯро қонеъ карда, ҳамроҳи 16 нафар ба ҳимояи Ватан гусел намуданд. Аввал онҳоро ба ноҳияи Шаҳрисабзи Ҷумҳурии Ӯзбекистон оварданд.

Пас аз омӯхтани маҳорати ҷангӣ онҳоро ба хати ҷабҳа фиристоданд. Сарбози шуҷоъ Қурбон Одинаев барои корнамоӣ сазовори ифтихорномаи Вазорати мудофиаи ИҶШС гардид. Баъд аз ғалаба ба неруҳои Финляндия номбурдаро ба полки 133 тирандози Сталинград фиристоданд. Мардуми шӯравӣ ба меҳнати софдилона машғул буданд, аммо ҳаёти осоиштаи мардумро ҳуҷуми Германия халалдор намуд.

28-уми июни соли 1941 қисми ҳарбии Қурбон Одинаев бо фашистон ба ҷанг даромад…

Зимистони қаҳратуни моҳи январи соли 1942 буд. Хомӯшии шабро вазидани шамоли сахт халалдор мекард. Тарафҳо ба ҳуҷуми навбатӣ тайёрӣ медиданд. Ҷои техникаю яроқу аслиҳаи душманро муайян кардан зарур буд. Қумондони қисми ҳарбӣ гурӯҳи разведкачиёнро даъват кард.

- Вазифаи навбатӣ душвор аст. Ба даст овардани «забон» ва несту нобуд кардани техникаи ҳарбии душман, - иброз намуд қумондон. Қурбон Одинаев ду қадам ба пеш баромада «Ман ба иҷрои фармон тайёр ҳастам», - гуфт. Бо роҳбарии ӯ чор разведкачӣ супориш гирифтанд. Вақте ба деҳаи Саниба наздик шуданд, хомӯширо мушакпарониҳои душман халалдор намуд. Дар рӯшноӣ разведкачиён анбори яроқу аслиҳаи душманро муайян намуданд. Анборро ду нафар посбонӣ мекарданд. Қурбон Одинаев вақти қулай меҷуст ва он лаҳза фаро расид.

Қурбон Одинаев бо ҳамроҳи ҳамяроқонаш посбононро асир гирифтанд. Аз рӯи маълумоти аз «забон» бадастомада, рӯзи дигар ба деҳа ҳуҷум намуда, анбори яроқу аслиҳаи душманро ба даст оварданд.

Аскари қаторӣ Қурбон Одинаев барои ин корнамоӣ бо «Ордени ҷангии дараҷаи якум» сарфароз гардид. Охири моҳи январи соли 1942 дар ҷангҳои шадиди назди стансияи «Расвет» Қурбон Одинаев ва ҳамяроқонаш ҳамлаи гурӯҳи душманро боздоштанд.

Душман қувваи иловагӣ гирифта, ба ҳамлаи ҷавобӣ гузашт, вале имкон наёфт, ки сафи аскарони сурхро рахна кунанд.

Барои ҷасорат ба қаҳрамони матлаб рутбаи сержанти хурд дода, ӯро ба қисми ҳарбии тирандози 110 гузарониданд.



Ин тоҷики шуҷоъ дар озод кардани Сталинград низ корнамоиҳои бемисл нишон дода, сазовори ордену медалҳои ҷангӣ гардид. Баъди дар Сталинград шикаст хӯрдани фашистон қӯшунҳои шӯравӣ ба ҳуҷуми қатъӣ гузаштанд. Дар ҳама ҷо фашистон ба шикаст дучор меомаданд. Охири моҳи октябр ва аввали моҳи ноябри соли 1944 дар назди Киев амалиёти калони ҳарбӣ ба вуқӯъ омад.

Барои озодкунии Киев аз гӯшаю канори мамлакат аскарону афсарон ва техникаи ҳарбӣ сафарбар шуданд. Шабонгоҳ разведкачиён супориш гирифтанд, ки дар куҷо мавқеъ гирифтани душманро муайян кунанд. Сержанти хурд Қурбон Одинаев, сарбозони қаторӣ Содиқ Юсуфов ва Александр Боршёв субҳ ба нуқтаи нишондод расиданд. Деҳае, ки дар даромадгоҳи Киев ҷойгир буд, сокит ба назар мерасид.

Чунин менамуд, ки аз мавҷудоти зинда ному нишон намондааст. Разведкачиён ба хонае наздик шуда, дари онро кӯфтанд. «Кистед?», - шунида шуд овози ларзоне.

Баъди гирифтани ҷавоб мӯйсафеде дарро кушод ва Борешёв аз мӯйсафед пурсон шуд, ки дар ин қарибиҳо душман ҳаст? Мӯйсафед ҷавоб дод, ки дар роҳи 10-километра базаи ҳарбӣ, ҳавопаймою танкҳои зиёд ва афсарону аскарони бешумори фашистон гирд оварда шудаанд.

Сипас, Қурбон Одинаев ва Александр Боршёв либоси ҳарбиро ба либоси одӣ иваз карда, роҳ пеш гирифтанд. Ҳамин асно ғурриши мошин ба гӯш расид. Разведкачиён омадани мошинро интизор шуданд. Ҳамин, ки мошини душман наздик омад, граната ҳаво доданд. Сипас, афсари фашистро ба қисми ҳарбӣ оварданд.

Зимни озод кардани Венгрия, задухӯрди назди кӯли Балатон фаромӯшнашаванда аст. Дар он ҷо ба аскарони шӯравӣ хавфи дар муҳосира мондан таҳдид мекард. Ба қисми Қурбон Одинаев супориш доданд, ки ба душман шабохун зананд. Разведкачиён мебоист пеш аз шабохун самти амалиётро муайян менамуданд. Барои ин баландии хамгашти дар шафати рости роҳи оҳан воқеъбударо ба даст овардан лозим буд. Разведкачиён шабона ба иҷрои супориш шурӯъ карданд. То субҳ дар баландӣ ҷой гирифта, ба қисми ҳарбӣ алоқаи телефонӣ барқарор намуданд.

Вақте офтоб оламро бо нурҳои худ мунаввар намуд, сарбозон бо сигнали разведкачиён ба самти ҷойгиршавии душман оташ кушоданд.

Қобили зикр аст, ки мавсуф барои ҷонфидоӣ дар озод намудани Венгрия бо ордени «Ситораи Сурх» мукофотонида шуд.

Баъди торумори фашизм, қисми ҳарбӣ барои торумори Японияи милитаристӣ фиристода шуд. Дар ҷанги Япония низ Қурбон Одинаев фаъолона иштирок намуд. Дар шаш соли хизмат ду маротиба захмӣ шудааст, дар табобатгоҳи ҳарбии шаҳри Москва бистарӣ гардид.

Барои мардонагӣ бо ордену медалҳои «Барои мудофиаи Сталинград», «Ситораи Сурх», «Ҷанги Бузурги Ватании дараҷаҳои 1 ва 2», орденҳои Суворов, Кутузов ва баъд аз ҷанг ба ҳафт медали ҷашнӣ сарфароз гаштааст. Пас аз адои хизмати ҳарбӣ Қурбон Одинаев бо рӯи сурх ба деҳаи Заркамар баргашт. Ин ҷанговари диловар дар ободонию созандагии диёр низ саҳми арзанда гузоштааст.

**Ҳокими САФАР, ноҳияи Файзобод**

# АЗ ДАРАИ ҲАКИМӢ ТО РЕЙХСТАГ

**Ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз ноҳияи Нуробод (собиқ Комсомолобод) 2909 нафар сафарбар шуданд. Аз онҳо 464 нафар дар муҳорибаҳои шадид ҳалок ва 320 кас беному нишон гардида, 2115 нафар баргаштанд.**

Барои омода сохтани матлаби зер як сол қабл набераи бобои Малик - Сироҷиддин Амонов (айни ҳол табиби бемористони Қарияи Боло) ба идораи рӯзнома муроҷиат кард. Борҳо ба Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Нуробод барои мусоидат муроҷиат кардем. Мутаассифона, ҳар дафъа муовинон ва роҳбари дастгоҳи раиси ноҳия ин масъулиятро ба дӯши роҳбарияти Ҷамоати деҳоти «Ҳакимӣ» вогузор мекарданд.

Раиси Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнати ноҳияро аз ҷои кориаш пайдо накардем, ба занги телефонӣ низ ҷавоб надод. Маҷбур шудем ба Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнати ҷумҳурӣ муроҷиат намоем. Афсӯс, ки онҳо низ номи се бародарро дар дафтари қайдҳо пайдо карда натавонистанд. Аз ин рӯ, аз нақли фарзанди бобои Малик-Маҳмадюсуф Амонов (гарчанде ӯ низ дар бораи падар ва ду амакаш маълумоти дақиқу пурра надошт) маълумоти зерро рӯи коғаз овардем.

Лашкар Амонов (соли таваллудаш 1919) Маҳмадсаид Амонов (соли таваллудаш 1921) ва Малик Амонов (соли таваллудаш 1925), ки сокинони деҳаи Ҳакимӣ буданд, назди худ мақсад гузоштанд, ки барои аз душман озод кардани Ватан ба ҷанг раванд.

Лашкари ҷавон, ки 22-сола буд, моҳи августи соли 1941 ихтиёран ба Комиссариати ҳарбии ноҳияи Комсомолобод ҳозир шуда, тасмими ба фронт рафтанро мегирад. Ӯро бо ҳамроҳонаш ба шаҳри Тошканд оварданд. Баъд аз омӯзиш онҳоро ба шаҳри Сталинград, ки он шабу рӯз дар муҳосираи фашистон қарор дошт, сафарбар намуданд. Номбурда бо ҳамяроқон аз полки 408-уми тирандозии дивизияи 144-уми ҷабҳаи дуюми Артиши Шӯравӣ дар озод намудани шаҳри Сталинград иштирок карда, бо ордену медалҳои зиёд мукофотонида шудааст. 23-юми декабри соли 1943, баъд аз пурра озод намудани шаҳри Сталинград, ӯ ҷароҳат бардошта, аз дасти чапаш маҳрум мешавад. Баъд аз табобати зиёд ба зодгоҳ баргашт. Соли 2005 дар 86-солагӣ вафот кард.

Маҳмадсаиди бистсола, ки писари дуюми хонаводаи Амоновҳо буд, 9-уми марти соли 1942 бо даъвати Комиссариати ҳарбии ноҳияи Комсомолобод ба ҷанг меравад. Бо рутбаи лейтенант ба полки 201-уми пиёдагарди дивизияи 318-уми ҷабҳаи сеюми Белоруссия шомил мешавад. Дар озодкунии Белоруссия ва Украина мардонагӣ нишон медиҳад ва бо медали «Шуҷоат» ва рутбаи капитан мукофотонида мешавад. Баъдан, дар озодкунии давлати Полша бо ордену медалҳои навбатӣ мушарраф мегардад. Дар яке аз набардҳо ҷароҳати вазнин мебардорад ва баъд аз табобати тӯлонӣ маъюб эътироф шуда, соли 1944 ба зодгоҳ бармегардад.

Баъд аз ҷанг якчанд сол вазифаи раиси Ҷамоати деҳоти «Ҳакимӣ»-ро ба уҳда дошт. Соли 2002 дар 82-солагӣ аз олам чашм пӯшид.

Соли 1942 Малики ҷавонро бо ҳамроҳонаш ба шаҳри Душанбе оварда, баъд аз се рӯз ба шаҳри Москва равон мекунанд. Дар шаҳри Москва онҳо ба полки 546-уми дивизияи 191-уми пиёдагард ҳамроҳ шуда, ба шаҳри Ждановi вилояти Ленинград сафарбар мешаванд. Он вақт шаҳри Ленинград дар муҳосираи фашистон қарор дошт. Дар яке аз набардҳои зидди фашистон Малик ва ҳамяроқонаш дар муҳосира мемонанд, вале истодагарӣ мекунанд. Соли 1943 душманро шикаст доданд ва шаҳри Ленинградро, ки дар муҳосира қарор дошт, озод карданд.

Баъдан, дар озод намудани шаҳрҳои Попов ва Нарваи



Ҷумҳурии Эстония иштирок намуда, маҷрӯҳ мешавад. Ӯро таъҷилан ба яке аз госпиталҳои ҳарбии шаҳри Нарва интиқол медиҳанд ва баъд аз пурра табобат ёфтан ба майдони ҷанг меравад. Дар озод кардани Белоруссия низ иштирок намуда, ин дафъа аз пойи чап сахт маҷрӯҳ гардида, муддати тӯлонӣ табобат мегирад. Баъд аз табобат, бо вуҷуди маҷрӯҳ будан ба майдони ҷанг меравад. То Рейхстаг меравад ва охирҳои моҳи июни соли 1945 ҳамчун маҷрӯҳи гурӯҳи дуюм бо сари баланд ба зодгоҳ баргашт.

Барои корнамоӣ бо орденҳои «Ситораи Сурх», «Шараф» (дараҷаи 3) ва медалҳои зиёди ҷангӣ сарфароз шудааст. Баъд аз ҷанг касби устогиро пеша карда, дар сохтмони биноҳои маъмурӣ, фермаи чорводорӣ, чойхонаи деҳот, биноӣ Ҷамоати деҳоти «Ҳакимӣ» ва бунёди боғҳо саҳми босазо мегузорад.

Соли 2014 дар 89-солагӣ аз олам чашм пӯшид.

Соли 2010 бо пешниҳоди роҳбарияти Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Нуробод «Китоби хотира», ки ба 65-солагии Рӯзи Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 бахшида шудааст, нашр шуд. Мутаассифона, дар китоби мазкур маълумоти пурраи замони ҷанг ва баъд аз он ҷой дода нашудааст. Масъулини Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик изҳор доштанд, ки аз сабаби дастрас набудани факту далелҳо дар бораи иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ маълумоти комил пешниҳод намудан ғайриимкон шуд.

Солҳо мегузаранд, аммо номи неки онҳое, ки барои ҳимояи Ватан ва ба ин рӯзи босаодат расидани халқ аз худ шуҷоату қаҳрамонӣ нишон додаанд, ҳеҷ гоҳ аз ёдҳо зудуда нахоҳад шуд.

Насли ҷавони имрӯза бояд аз корнамоиҳои иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ибрат гиранд, таърихи халқамонро пайваста омӯзанд, дастовардҳои даврони соҳибистиқлолии кишварро ҳифз намуда, ҳамеша барои ҳимояи марзу буми Тоҷикистони азизамон омода бошанд.

**Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»**

Хонандагони азиз, Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 415161 | Муассисаи давлатии «Маркази минтақавии хизмати иҷтимоӣ ба нафақахӯрон ва маъюбон»-и шаҳри Душанбе | Таъмири ҷорӣ дар муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 13.05.2023 09:00:00 |
| 2 | 415168 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсей барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои Муассисаи давлатии таълимии «Литсей барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Душанбе | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 13.05.2023 13:20:00 |
| 3 | 415135 | Раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сохтмони бинои толори варзишӣ, маҷлисгоҳ ва ошхона дар назди муассисаи таълимии №18, барои 240 ҷои нишаст дар деҳаи Шибанайи ноҳияи Темурмалик | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.05.2023 15:10:00 |
| 4 | 415138 | Раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сохтмони мактаб барои 240 ҷои нишаст дар деҳаи Оби Чомаки шаҳри Истаравшан (навбати дуюм - толори варзишӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.05.2023 15:20:00 |
| 5 | 415140 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётии мошинҳои боркаш | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 39 | 23.05.2023 16:30:00 |
| 6 | 415141 | Шуъбаи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун | Сохтмони бунгоҳи тиббӣ дар Ҷамоати деҳоти Қади Об, деҳаи Шайдони шаҳри Роғун | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.05.2023 17:10:00 |
| 7 | 415142 | Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Маводи шустушӯӣ, хоҷагидорӣ, сантехникӣ, пардаю рахти хоб ва қисмҳои эҳтиётии автомашина | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 41 | 23.05.2023 18:00:00 |
| 8 | 415143 | Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Маводи шустушӯӣ, хоҷагидорӣ, сантехникӣ, электрикӣ, лавозимоти компютерӣ, коммутатор, картриҷ ва қисмҳои эҳтиётии автомашина | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 166 | 23.05.2023 18:00:00 |
| 9 | 415146 | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Камераи назоратӣ дар маҷмӯъ, таҷҳизоти шабакавӣ, монитор, дискҳои дурушт, инвертер, молҳои барқӣ ва ноқилҳои гуногун | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 34 | 24.05.2023 08:00:00 |
| 10 | 415158 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Асфалти гарми майдадона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 24.05.2023 08:00:59 |
| 11 | 415148 | Беморхонаи клиникавии вилояти Суғд | Азнавбарқарорсозии роҳравҳои берунаи ҳудуди беморхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 24.05.2023 08:05:05 |
| 12 | 415149 | Муассисаи давлатии «Идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгард»-и вилояти Суғд | Таъмири бинои маъмурии Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгард»-и ноҳияи Айнӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 24.05.2023 08:05:05 |
| 13 | 415150 | Муассисаи давлатии «Идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгард»-и вилояти Суғд | Таъмири роҳи автомобилгарди деҳаи Ғалаба истгоҳи роҳи оҳани Конибодом аз км 1,4 то 1,8 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 24.05.2023 08:05:05 |
| 14 | 415151 | Беморхонаи марказии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Таъмири шуъбаи гӯшу гулӯю бинӣ ва даромадгоҳи шуъбаи дарунии беморхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 24.05.2023 08:05:05 |
| 15 | 415152 | Беморхонаи клиникавии вилояти Суғд | Азнавбарқарорсозии даромадгоҳи асосии беморхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 24.05.2023 08:05:05 |
| 16 | 415153 | Муассисаи давлатии «Идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгард»-и вилояти Суғд | Таъмири роҳи автомобилгарди Истаравшан - Калининобод аз км 12 то 12,2 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 24.05.2023 08:05:05 |
| 17 | 415154 | Муассисаи давлатии «Идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгард»-и вилояти Суғд | Таъмири пули роҳи автомобилгарди Конибодом - Кучкак дар км 1,2 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 24.05.2023 08:05:05 |
| 18 | 415155 | Бахши ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Мастчоҳ | Дарахти санавбар ва гули петуния | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 24.05.2023 08:05:05 |
| 19 | 415156 | Муассисаи давлатии маҷаллаи «Паёми Суғд» | Чопи маҷалла. Теъдод - 5277 дона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 24.05.2023 08:05:05 |
| 20 | 415157 | Муассисаи давлатии маҷаллаи «Паёми Суғд» | Чопи маҷалла. Теъдод - 7170 дона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 24.05.2023 08:05:05 |
| 21 | 415159 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии илмии пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон» | Ҷузъҳои таҷҳизоти тиббӣ, маҳсулоти тиббӣ, доруворӣ ва масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 104 | 24.05.2023 08:15:59 |
| 22 | 415160 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии эндокринологӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Доруворӣ ва масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 36 | 24.05.2023 08:19:59 |
| 23 | 415147 | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Камераи назоратӣ дар маҷмӯъ, таҷҳизоти шабакавӣ, монитор, дискҳои дурушт, инвертер, молҳои барқӣ ва ноқилҳои гуногун | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 27 | 24.05.2023 08:30:00 |
| 24 | 415162 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мебел, витрина, поя барои қатрачаконӣ, қуттӣ барои тир, пояи ҳадаф ва аробача барои иншооти сохтмони бино дар назди Муассисаи давлатии «Мактаби махсуси варзишӣ оид ба намудҳои камонварӣ»-и вилояти Суғд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 46 | 24.05.2023 10:00:00 |
| 25 | 415163 | Муассисаи давлатии «Коллеҷи фарҳанги ҷумҳуриявии ба номи П. Буйдоқов» | Мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 24.05.2023 10:30:00 |
| 26 | 415164 | Муассисаи давлатии «Мактаби махсуси варзишии захираҳои олимпии №8 оид ба батут ва акробатикаи варзишӣ»-и шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 24.05.2023 10:30:00 |
| 27 | 415166 | Раёсати молиявӣ - иқтисодии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Коркарди низоми автоматии молиявӣ-баҳисобгирии муҳосибӣ ва бойгонии рақамии раёсат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 24.05.2023 11:45:00 |
| 28 | 415169 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ» | Таъмири ҷории намои шуъбаи шуоӣ ва эндоскопии муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 24.05.2023 13:30:00 |
| 29 | 415047 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии «Роғун» | Молҳои рӯзгор, молҳои сантехникӣ ва сохтмонӣ, кабел, сим, таҷҳизот, қубур, таҷҳизот барои озмоишгоҳ, нуриҳои маъданӣ ва лавозимот барои озмоишгоҳи марказии сохтмон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 174 | 24.05.2023 14:00:00 |
| 30 | 415171 | Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷикаэронавигатсия» | Насби камераҳои назоратӣ дар объектҳои филиали корхона дар шаҳри Кӯлоб ва хариди тамоми таҷҳизоте, ки барои насби камераҳо зарур мебошанд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 24.05.2023 14:30:00 |
| 31 | 415165 | Бонки миллии Тоҷикистон | Омода намудани лоиҳаи ороиши намо ва қафасҳои оҳании бинои маъмурии Бонки миллии Тоҷикистон дар хиёбони Рӯдакӣ - 38/1 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 25.05.2023 11:00:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# МЕЖГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ «РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ»

## объявляет конкурс на замещение вакантных должностей профессорско-преподавательского состава:

**КАФЕДРА МИРОВОЙ ЛИТЕРАТУРЫ**
старший преподаватель - 2 места

**КАФЕДРА СОВРЕМЕННОГО РУССКОГО ЯЗЫКА**
заведующий кафедрой - 1 место
старший преподаватель - 2 места

**ОБЩЕУНИВЕРСТИТЕСКАЯ КАФЕДРА РУССКОГО ЯЗЫКА**
к.н., старший преподаватель - 1 место
старший преподаватель - 3 места
преподаватель - 2 места

**КАФЕДРА ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА**
к.н., доцент - 1 место
к.н., старший преподаватель - 1 место

**КАФЕДРА МЕЖДУНАРОДНОЙ И ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ЖУРНАЛИСТИКИ**
к.н., доцент - 1 место
к.н., старший преподаватель - 1 место

**КАФЕДРА ПЕЧАТНЫХ СМИ И PR**
д.н., профессор - 1 место

**КАФЕДРА ТЕОРЕТИЧЕСКОГО И ПРИКЛАДНОГО ЯЗЫКОЗНАНИЯ**
д.н., профессор - 1 место
преподаватель - 1 место

**КАФЕДРА АНГЛИЙСКОЙ ФИЛОЛОГИИ**
к.н., доцент - 2 места
к.н., старший преподаватель - 2 места
старший преподаватель - 1 место
к.н., преподаватель – 1 место
преподаватель - 2 места

**КАФЕДРА РОМАНО-ГЕРМАНСКИХ ЯЗЫКОВ**
к.н., старший преподаватель - 1 место
преподаватель - 1 место

**КАФЕДРА ВОСТОЧНЫХ ЯЗЫКОВ**
к.н., доцент -1 место
старший преподаватель - 1 место

**КАФЕДРА АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА (МЕЖФАК)**
к.н., доцент - 1 место
старший преподаватель - 1 место

**КАФЕДРА ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ТЕОРИИ И МИРОВОЙ ЭКОНОМИКИ**
старший преподаватель – 1 место

**КАФЕДРА ФИНАНСОВ И КРЕДИТА**
к.н., доцент – 2 места
преподаватель – 1 место

**КАФЕДРА УЧЁТА, АНАЛИЗА И АУДИТА**
к.н., доцент – 2 места
к.н., старший преподаватель – 1 место
старший преподаватель -1 место

**КАФЕДРА МЕНЕДЖМЕНТА И МАРКЕТИНГА**
к.н., доцент – 1 место
к.н., старший преподаватель-1 место
преподаватель- 2 места

**КАФЕДРА ТУРИЗМА И СЕРВИСА**
к.н., доцент - 2 места

**КАФЕДРА МАТЕМАТИКИ И ФИЗИКИ**
к.н., доцент – 1 место
старший преподаватель – 1 место

**КАФЕДРА ИНФОРМАТИКИ И ИТ**
заведующий кафедрой - 1 место
к.н., доцент – 2 места
к.н., старший преподаватель-1 место
старший преподаватель-1 место

**КАФЕДРА ХИМИИ И БИОЛОГИИ**
д.н., профессор – 1 место
к.н., доцент -1 место
к.н., старший преподаватель-1 место

**КАФЕДРА ФИЗИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ**
заведующий кафедрой - 1 место
преподаватель – 3 места

**КАФЕДРА МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ И ДИПЛОМАТИИ**
д.н. профессор – 1 место
к.н., старший преподаватель – 1 место

**КАФЕДРА ВСЕОБЩЕЙ И ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ИСТОРИИ**
к.н., доцент-2 места
старший преподаватель-1 место
преподаватель-1 место

**КАФЕДРА ЗАРУБЕЖНОГО РЕГИОНОВЕДЕНИЯ И ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ**
к.н., доцент – 1 место
старший преподаватель – 2 места

**КАФЕДРА ФИЛОСОФИИ И ПОЛИТОЛОГИИ**
заведующий кафедрой - 1 место
к.н., доцент-1 место
к.н., старший преподаватель-1 место

**КАФЕДРА КУЛЬТУРОЛОГИИ**
к.н., доцент – 1 место
старший преподаватель-1 место

**КАФЕДРА АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА ФИМО**
к.н., доцент - 1 место
старший преподаватель - 1 место
преподаватель - 1 место

**КАФЕДРА ПЕДАГОГИКИ, ПСИХОЛОГИИ И МЕТОДИКИ ПРЕПОДАВАНИЯ**
заведующий кафедрой - 1 место
к.н., доцент - 1 место

**КАФЕДРА ГРАЖДАНСКОГО ПРАВА**
к.н., доцент - 2 места
старший преподаватель-1 место

**КАФЕДРА УГОЛОВНОГО ПРАВА**
к.н., доцент - 1место
преподаватель - 1 место

**КАФЕДРА УГОЛОВНЫЙ ПРОЦЕСС И КРИМИНАЛИСТИКИ**
к.н., доцент - 1 место
к.н., старший преподаватель - 1 место
преподаватель - 1 место

**КАФЕДРА ГОСУДАРСТВЕННО-ПРАВОВЫХ ДИСЦИПЛИН**
старший преподаватель – 2 места

**КАФЕДРА МЕЖДУНАРОДНОГО ПРАВА И СРАВНИТЕЛЬНОГО ПРАВОВЕДЕНИЯ**
к.н., доцент – 2 места
к.н., старший преподаватель -1 место
старший преподаватель-2 места

**КАФЕДРА ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОГО ПРАВА**
д.н., профессор -1 место
к.н., доцент – 1 место
преподаватель- 1 место.

**Требование к замещению должности заведующего кафедрой - наличие ученой степени и звания.**

**Срок подачи документов на конкурс –** 1 месяц со дня опубликования объявления.

**Документы принимаются по адресу:** г. Душанбе, ул. Мирзо Турсун-заде - 30, РТСУ, Учебно-методическое управление (каб. 108).

**Справки по телефону –** 446000719.

# ЭЪЛОН!

Бинобар ба рӯзи истироҳати Рӯзи Ғалаба - 9-уми май рост омадани баргузории музоядаи №29 оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул ва музоядаи № 15 оид ба фурӯши амволи мусодирагардида, ки ба санаи 8-уми майи соли 2023 таъин гардида, дар рӯзномаи «Садои мардум» таҳти № 50 (4633) аз 7-уми апрел ва таҳти №55 (4638) аз 20-уми апрели соли 2023 эълон чоп гардида буд, ба санаи 11-уми майи соли 2023 соати $10^{00}$ гузаронида мешавад.

**КВД ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТӢ**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2016 ба Саидов Олимҷон Наимович (РМА 015740659, РЯМ 0331309459) додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти № 0454566-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 2-юми сентябри соли 2020 ба Атоев Рустамҷон Набиҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии таҳти феҳристи 9229-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳазора, ҳавлии 65/1 санаи 14-уми декабри соли 2015 ба Зокиров Абдураззоқ Давлатёрович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ таҳти феҳристи к-2802-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Орҷоникидзеобод (ҳоло шаҳри Ваҳдат) 4-уми июли соли 1980 бо суроғаи шаҳри Орҷоникидзеобод (ҳоло шаҳри Ваҳдат), кӯчаи Тургенев, ҳавлии №29 ба Додов Сафар додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Навбаҳор, бинои 9/1, ҳуҷраи 5 ба Раҳматзода Дилафруз Давлатбек додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2022 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Ховарон, маҳаллаи 14-15, ҳавлии №402 ба Гурезова Сабоат Достаковна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишкадаи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур соли 2022 ба Қаландаров Ардашер додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини №0149452-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Дӯстӣ бо суроғаи ноҳияи Дӯстӣ, Ҷамоати деҳоти Навзамин, деҳаи Умед ба Назарова Гулнора додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини №0149459-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Дӯстӣ бо суроғаи ноҳияи Дӯстӣ, Ҷамоати деҳоти Навзамин, деҳаи Умед ба Абдуназаров Абдусалом додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини №0149461-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Дӯстӣ бо суроғаи ноҳияи Дӯстӣ, Ҷамоати деҳоти Навзамин, деҳаи Умед ба Хуҷамқулов Исломиддин додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини №0149457-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Дӯстӣ бо суроғаи ноҳияи Дӯстӣ, Ҷамоати деҳоти Навзамин, деҳаи Умед ба Мустафоев Иброим додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини №0149462-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Дӯстӣ бо суроғаи ноҳияи Дӯстӣ, Ҷамоати деҳоти Навзамин, деҳаи Умед ба Ҳаитов Шералӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини №0149456-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Дӯстӣ бо суроғаи ноҳияи Дӯстӣ, Ҷамоати деҳоти Навзамин, деҳаи Умед ба Мамасаидов Давлатмурод додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини №0149465-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Дӯстӣ бо суроғаи ноҳияи Дӯстӣ, Ҷамоати деҳоти Навзамин, деҳаи Умед ба Раҷабов Абдурасул додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи 1Ш-15-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Қубодиён бо суроғаи шаҳраки Қубодиён, маҳаллаи Ёбуз ба Зарипова Холниссо Қосимовна додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Кузиева Ҳабиба Абдулҳакимовна (РМА 025362247, РЯМ 0330152616) додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Кузиев Фарҳод Комилҷонович (РМА 025327553, РЯМ 0331443255) додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Абдураҳмонов Баҳром Самадович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ДТК №0004179, таҳти феҳристи 7100-и гумшуда, ки онро Коллеҷи тиббии шаҳри Ваҳдат соли 2006 ба Ойева Марҷона Соҳибназаровна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Хуросон 22-юми феврали соли 1990 бо суроғаи ноҳияи Хуросон, совхози 60-солагии Октябр, деҳаи Меҳнатобод ба Сафаров Маҳмадӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми синфи 11-уми силсилаи АБ N00633406-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и ноҳияи Қубодиён соли 2006 ба Набиева Сурайё Рашидовна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми синфи 10-уми силсилаи БП N870960-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии N34-и ноҳияи Қубодиён соли 1980 ба Икромова Биноихон Исломовна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми синфи 11-уми силсилаи Т-АТУ N0051011-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии N36-и ноҳияи Қубодиён соли 2014 ба Гадоева Марзия Абдулфатоҳевна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми синфи 11-уми силсилаи АБ N55209-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии N27-и ноҳияи Қубодиён соли 1998 ба Азимова Турсуной Абдуҳамидовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Мир Алӣ, бинои 1, ҳуҷраи 3 ба Клименко Елена Дмитриевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии силсилаи А 02552610-и гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Рӯдакӣ 1-уми октябри соли 2019 ба Бобоев Орзуҷон Искандарович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ барои манзили истиқоматии гумшуда,ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе моҳи марти соли 2008 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ, хонаи 153/2 ба Муминов Маҳмадали Таварович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи нафақаи №8211034-и гумшуда, ки онро Раёсати корҳои дохилии шаҳри Душанбе соли 2022 ба Латифзода Самеъҷон Ҳамид додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Акбаралӣ 2013» (РМА 070014553, РЯМ 0710008054), ки дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода 6-уми феврали соли 2013 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

Садои мардум

Муассис:
Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН
Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Абдухолиқ Мирзоев, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд - 92-773-28-76, 92-771-76-72, водии Зарафшон - 93-535-06-66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17, НТМ - 000-03-03-80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 5 майи соли 2023, соати 16:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр - 35705 нусха*

Навбатдорони шумора Ӯ. Назар ва М. Ҳисорӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97